

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№37 (4933)

ЧОРШАНБЕ,
19 МАРТИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj






# ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҶАЛАСАИ НАХУСТИНИ ИҶЛОСИЯИ ЯКУМИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАЪВАТИ ҲАФТУМ

**Нуздаҳуми марти соли 2025 ҷаласаи нахустини Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум баргузор шуд, ки дар он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Ба иҷлосия то интихоби Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вакилони калонсол, раиси Ҳизби аграрии Тоҷикистон Рустам Латифзода раисӣ кард.

**РАИСИКУНАНДА: - Муҳтарам Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон!**

**Муҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи якуми Иҷлосияи якуми даъвати ҳафтуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бояд вакили синну солаш калонтарин кушояд ва онро то интихоб шудани Раиси Маҷлиси намояндагон пеш барад. Аз ин рӯ, ин масъулият ба уҳдаи ман вогузор шуд.

Ҳозирини муҳтарам, дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2-юми марти соли 2025 интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо гардид. Мувофиқи протоколҳои комиссияҳои ҳавзавии интихобот дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои овоздиҳӣ аз 5 миллиону 522 ҳазору 38 нафар интихобкунандагони ба рӯйхат дохилшуда 4 миллиону 712 ҳазору 967 нафар иштирок карданд, ки ин 85,3 фоизи интихобкунандагонро ташкил дод. Дар бюллетенҳои интихоботӣ маҷмуан 220 номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шуда буданд.

Дар натиҷаи овоздиҳӣ аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ Ҳизби аграрии Тоҷикистон 21 фоиз (5 вакил), Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон 12,7 фоиз (3 вакил), Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон 51,9 фоиз (12 вакил), Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон 5,3 фоиз (1 вакил) ва Ҳизби демократи Тоҷикистон 5,1 фоиз (1 вакил) овози интихобкунандагонро соҳиб шуданд. Ҳамин тавр, ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 41 вакил аз ҳавзаҳои якмандатӣ ва 22 вакил аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ интихоб гардиданд.

Акнун бо иҷозати шумо рӯйхати ҳамаи вакилони интихобшудаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ваколатҳояшон аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мехонам:

**(Рӯйхат ба таври алоҳида дар саҳифаи дуюм нашр шуд).**

**Вакилони муҳтарам!**

Иҷозат диҳед, шуморо ба муносибати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум интихоб шуданатон табрик намуда, ба шумо дар мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар фаъолияти пурсамар ва муваффақиятҳои бепоён таманно созам.

**Муҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Дар кори ҷаласаи якуми Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум мувофиқи рӯйхати бақайдгирии пешакӣ аз 63 нафар вакилони Маҷлиси намояндагон 63 нафар ҳозир шудаанд.

Бо вуҷуди ин, аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш мекунам, ки ба воситаи системаи электронии овоздиҳӣ аз қайд гузаред.

(Овоздиҳии электронӣ сурат мегирад).

Аз рӯи натиҷаи овоздиҳӣ маълум шуд, ки ҳоло дар толор 63 нафар вакил ҳузур доранд.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Мутобиқи моддаи 52 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтумро кушода эълон менамоям.

*(Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад)*

**РАИСИКУНАНДА: - Вакилони муҳтарам!**

Дар рафти ҷаласаи якуми Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳузур доранд.

Ҳамчунин, дар ҷаласа раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Худоёрзода иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд!**

Дар асоси банди 140 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тартиби тавассути воситаҳои ахбори омма инъикос гардидани рафти ҷаласаҳои Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтумро муайян намоем.

Барои пешниҳоди лоиҳаи қарор доир ба ин масъала сухан ба вакил аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ Матробиён Саодатшо Қосимзода дода мешавад. Марҳамат.

**Саодатшо МАТРОБИЁН:**

**- Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Вобаста ба тартиби тавассути воситаҳои ахбори омма инъикос гардидани ҷараёни Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум пешниҳод менамоям:

1. Ҷараёни ҷаласаи якуми Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум дар барномаҳои телевизион ва радиои ҷумҳурӣ мухтасар пахш шавад.

2. Дар нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - рӯзномаи «Садои мардум» маводи ҷаласаи якуми Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум дар шакли пурра чоп шавад.



3. Маводи ҷаласаи якуми Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум ба воситаи Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявии «Ҷумҳурият», «Народная газета» ва «Халқ овози», дар рӯзномаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ мухтасар чоп шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби инъикоси ҷараёни Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИСИКУНАНДА: - Вакилони муҳтарам!**

Ба мо лозим аст, ки рӯзномаи ҷаласаро тасдиқ намоем.

Ба баррасии шумо масъалаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

**1. Дар бораи интихоб намудани ҳайати Комиссияи баҳисобгирии овозҳо оид ба интихоби Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**2. Дар бораи интихоб намудани Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**3. Дар бораи муқаррар намудани шумораи муовинони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**4. Дар бораи пешниҳод ва интихоб намудани муовини якум ва муовинони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**5. Дар бораи таъсис додани кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**6. Дар бораи интихоб намудани раисони кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**7. Дар бораи таъсис додани Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**8. Дар бораи муқаррар намудани шумораи вакилон дар кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**9. Дар бораи интихоб намудани ҳайати кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**10. Дар бораи таъин намудани роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Доир ба рӯзномаи ҷаласа чӣ пешниҳод доред? Нест.

Рӯзномаро ба овоз мемонам.

*Қарор қабул шуд.*

**Вакилони муҳтарам!**

Ба баррасии масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа шурӯъ менамоем.

Масъалаи якуми рӯзнома «Дар бораи интихоб намудани ҳайати Комиссияи баҳисобгирии овозҳо оид ба интихоби Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

Ба мо лозим аст, ки ҳайати Комиссияи баҳисобгирии овозҳоро оид ба интихоби Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намоем.

Сухан аз рӯи ин масъала ба вакили Маҷлиси намояндагон аз ҳавзаи интихоботии Хуҷанд №13 Муинӣ Мавсума Муинзода дода мешавад. Марҳамат.

**Муинӣ Мавсума Муинзода** ҳайати комиссияро, ки аз шахсони зерин иборатанд, пешниҳод мекунад:

1. Ҳакимзода Шариф Саидович - вакил аз ҳавзаи интихоботии Кӯлоб, №37
2. Давлатзода Ҳаким Алишӣ - вакил аз ҳавзаи интихоботии Ванҷ, №40
3. Саидӣ Дилафрӯз Раббизода - вакил аз ҳавзаи интихоботии Б. Ғафуров, №14
4. Ашурзода Ғиёсиддин Маҳмадмурод – вакил аз ҳавзаи интихоботии Шаҳринав, №6
5. Икромӣ Фазлиддин Маҳмазоит - вакил аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ.

**РАИСИКУНАНДА: -** Оид ба шумора ва ҳайати пешниҳодгардида андешаи дигар ҳаст? Нест.

Набошад, ба овоз мемонам.

Хоҳиш мекунам, ки вобаста ба интихоб намудани ҳайати Комиссияи баҳисобгирии овозҳо оид ба интихоби Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеатонро муайян созед. Марҳамат.

*Қарор қабул шуд.*

**РАИСИКУНАНДА:** - Ҳоло барои гузарондани ҷаласаи Комиссияи баҳисобгирии овозҳо ҷиҳати интихоб намудани раис ва котиби комиссия дар кори ҷаласа 5 дақиқа танаффус эълон карда мешавад. Бинобар ин, аз ҳайати комиссияи мазкур хоҳиш карда мешавад, ки ба кори худ шурӯъ намоянд.

**РАИСИКУНАНДА: -** Сухан ба вакил аз ҳавзаи интихоботии Кӯлоб №37 Ҳакимзода Шариф Саидович дода мешавад.

*(Номбурда протоколи рақами 1 комиссияи баҳисобгирии овозҳоро қироат менамояд).*

**РАИСИКУНАНДА: -** Пешниҳод аст, ки протоколи рақами 1 комиссияи баҳисобгирии овозҳо тасдиқ карда шавад.

Хоҳишмандам, мавқеи худро муайян намоед.

*Қарор қабул шуд.*

**РАИСИКУНАНДА: - Вакилони муҳтарам!**

Ба баррасии масъалаи дуюми рӯзнома - «Дар бораи интихоб намудани Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем.

Хотиррасон менамоям, ки мутобиқи моддаи 53 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии пинҳонӣ бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилон интихоб карда мешавад.

Мувофиқи банди 25 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон номзадҳоро ба вазифаи Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вакилони Маҷлиси намояндагон пешбарӣ мекунанд.

Доир ба ин масъала чӣ гуна таклифу пешниҳод доред?

Ҳоло сухан ба вакили Маҷлиси намояндагон аз ҳавзаи интихоботии Рӯдакӣ №9 Шерализода Муҳамадулло Умар дода мешавад. Марҳамат.

**Муҳамадулло ШЕРАЛИЗОДА:**

**- Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Бо камоли эҳтиром ба вазифаи Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум номзадии вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи якмандатии интихоботии Рашт №12 Идизода Файзалӣ Фузайлшоро пешниҳод менамоям, зеро номбурда дар давраи фаъолият дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум ба ҳайси раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ кор карда, таҷрибаи бою ғанӣ касб кардааст. Инчунин, ҳамчун субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар таҳияи лоиҳаи қонунҳо, баланд бардоштани сатҳу сифати қонунгузории кишвар ва фаъолсозии ҳамкориҳои байнипарламентӣ бо дигар кишварҳо нақши муассир дорад. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки номзадии Идизода Файзалӣ Фузайлшоро ба вазифаи Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум дастгирӣ намоед.



**РАИСИКУНАНДА: - Вакилони муҳтарам!**

Ҳоло хоҳиш менамоям, ки андеша ва нуқтаи назари худро нисбат ба номзад ба вазифаи Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум иброз намоед. Марҳамат.

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагон аз ҳавзаи интихоботии Сино №4 Шоҳмурод Рустам дода мешавад.

**Рустам ШОҲМУРОД:**



**- Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ман Шоҳмурод Рустам – вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии Сино №4 мебошам.

Пешниҳоди вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии Рӯдакӣ №9 Шерализода Муҳамадулло Умар оид ба пешбарии номзадии вакил Идизода Файзалӣ Фузайлшоро ба мансаби Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ менамоям.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

**(Идома аз саҳ. 1)**

Идизода Файзалӣ Фузайлшо яке аз чеҳраҳои шинохта дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи Иттиҳоди Аврупо ба ҳисоб меравад. Ӯ дар мансабҳои гуногуни роҳбарикунандаи давлатӣ ва таълимӣ кор карда, бо хислатҳои неки инсонӣ, масъулиятшиносӣ муносибати ҷиддӣ ба кор мавқеи хос пайдо намуд.

Аз соли 2021 Идизода Файзалӣ Фузайлшо ба ҳайси раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ фаъолият кардааст. Дар давраи фаъолияташ дар парлумони кишвар худро ба сифати роҳбари кордону пурмасъул, ташаббускору қонунсолор, серталаб ва хирадманд зоҳир намуд. Дар муносибатҳои байнипарламентӣ бо кишварҳои дигари ҷаҳон донишу малакаи назариявӣ ва амалии худро дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ моҳирона истифода мебурд, ки ба ҳифзи манфиатҳои Тоҷикистон ва муаррифии давлат мусоидат менамуданд. Муҳтарам Идизода Файзалӣ Фузайлшо садоқати худро ба Ватану миллат собит намуда, дар тамоми мансабҳои ишғолкардааш дар татбиқи сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста талош меварзад. Сифатҳои корӣ ва роҳбарии ӯро ба инобат гирифта, бо боварии том метавон гуфт, ки

| т/р | Ному насаби вакил | Аз кадом ҳавза интихоб шудаанд? |
|---|---|---|
| 1 | Наботзода Сиёвуш Холмурод | ҳавзаи интихоботии Фирдавсӣ, №1 |
| 2 | Шарифова Нигина Умаровна | ҳавзаи интихоботии И. Сомонӣ, №2 |
| 3 | Амирзода Ориф Ҳамид | ҳавзаи интихоботии Шоҳмансур, №3 |
| 4 | Шоҳмурод Рустам | ҳавзаи интихоботии Сино, №4 |
| 5 | Собирзода Ғафурҷон Мирзоалӣ | ҳавзаи интихоботии Турсунзода, №5 |
| 6 | Ашурзода Ғиёсиддин Маҳмадмурод | ҳавзаи интихоботии Шаҳринав, №6 |
| 7 | Дӯстмуродзода Сурайё | ҳавзаи интихоботии Ҳисор, №7 |
| 8 | Камолзода Илҳом Икром | ҳавзаи интихоботии Сомонӣ, №8 |
| 9 | Шерализода Муҳамадулло Умар | ҳавзаи интихоботии Рӯдакӣ, №9 |
| 10 | Хоҷазода Фарзона Ҳамдам | ҳавзаи интихоботии Ваҳдат, №10 |
| 11 | Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо | ҳавзаи интихоботии Файзобод, №11 |
| 12 | Идизода Файзалӣ Фузайлшо | ҳавзаи интихоботии Рашт, №12 |
| 13 | Муинӣ Мавсума Муинзода | ҳавзаи интихоботии Хуҷанд, №13 |
| 14 | Саидӣ Дилафрӯз Раббизода | ҳавзаи интихоботии Б. Ғафуров, №14 |
| 15 | Ҳакимзода Ҳомидҷон Кенҷа | ҳавзаи интихоботии Ӯрунхоҷаев, №15 |
| 16 | Каримзода Фарҳод Абдуқаюм | ҳавзаи интихоботии Ҷ. Расулов, №16 |
| 17 | Зиёӣ Баҳриддин Саҳобиддин | ҳавзаи интихоботии Ашт, №17 |
| 18 | Азиззода Ғайрат Мулломаҳмад | ҳавзаи интихоботии Мастчоҳ, №18 |
| 19 | Маҳмудзода Насрулло Раҳматҷон | ҳавзаи интихоботии Конибодом, №19 |
| 20 | Ҷавҳарӣ Муҷибахон Одил | ҳавзаи интихоботии Исфара, №20 |
| 21 | Шодизода Парвиз Шодибой | ҳавзаи интихоботии Панҷакент, №21 |
| 22 | Давлатзода Қиёмиддин | ҳавзаи интихоботии Айнӣ, №22 |
| 23 | Аҳрорзода Шуҳрат Аслон | ҳавзаи интихоботии Истаравшан, №23 |
| 24 | Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид | ҳавзаи интихоботии Деваштич, №24 |
| 25 | Аҳмадзода Бахтиёр Ҳикматулло | ҳавзаи интихоботии Спитамен, №25 |
| 26 | Ализода Зафари Аҳмадҷон | ҳавзаи интихоботии Бохтар, №26 |
| 27 | Шодиён Муҳаммад Султонзода | ҳавзаи интихоботии Кӯшониён, №27 |
| 28 | Аюбӣ Бибиосия Оймаҳмадзода | ҳавзаи интихоботии Абдураҳмони Ҷомӣ, №28 |
| 29 | Ҳасанзода Насрулло | ҳавзаи интихоботии Ёвон, №29 |
| 30 | Ғоибназарзода Саид Муҳаммадназар | ҳавзаи интихоботии Ҷалолиддини Балхӣ, №30 |
| 31 | Қиёмзода Зарафо Суфиҷон | ҳавзаи интихоботии Қубодиён, №31 |
| 32 | Абдусаломзода Мунаввар Алиакбар | ҳавзаи интихоботии Вахш, №32 |
| 33 | Иброҳимзода Неъматулло Абдусалом | ҳавзаи интихоботии Ҷайҳун, №33 |
| 34 | Хайриддинзода Азизбек | ҳавзаи интихоботии Фархор, №34 |
| 35 | Саидзода Фирдавс Ҳамро | ҳавзаи интихоботии Ҳамадонӣ, №35 |
| 36 | Гулзода Маҳмадшо Қурбоналӣ | ҳавзаи интихоботии Данғара, №36 |
| 37 | Ҳакимзода Шариф Саидович | ҳавзаи интихоботии Кӯлоб, №37 |
| 38 | Саидвализода Барно Саиднабӣ | ҳавзаи интихоботии Муъминобод, №38 |
| 39 | Шамшерзода Комилҷон Чилла | ҳавзаи интихоботии Восеъ, №39 |
| 40 | Давлатзода Ҳаким Алишӣ | ҳавзаи интихоботии Ванҷ, №40 |
| 41 | Гиёзода Азиз Қодир | ҳавзаи интихоботии Хоруғ, №41 |
| 42 | Шоҳиён Шермуҳаммад | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 43 | Матробиён СаодатшоҚосимзода | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 44 | Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 45 | Ғанизода Шуҳрат Абдулмаҷид | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 46 | Исҳоқӣ Ҳусния Давлаталӣ | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 47 | Маҳмудзода Аҳмад Маҳмуд | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 48 | Имомова Нилуфар Маҳмаисуфовна | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 49 | Набизода Тоҳир Толиб | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 50 | Мусоҷонзода Ҷамила Мансур | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 51 | Ҷалолзода Миршакар Саид | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 52 | Бобоиён Мадина Абдуяқинзода | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 53 | Муродуллозода Дилноза Муродулло | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 54 | Латифзода Рустам Барот | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 55 | Икромӣ Фазлиддин Маҳмазоит | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 56 | Холбойзода Неъматулло Холбой | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 57 | Ниязов Нуралӣ Сафарович | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 58 | Қодирӣ Бобоҷон Мақсуд | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 59 | Ҳақназарзода Фирӯз Ғоибфар | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 60 | Маҷидзода Сарвиноз Комил | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 61 | Солизода Наима Шодибой | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 62 | Шаҳбози Аброр | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |
| 63 | Ҳалимзода Ғулом Ғанӣ | ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ |

# ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҶАЛАСАИ НАХУСТИНИ ИҶЛОСИЯИ ЯКУМИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАЪВАТИ ҲАФТУМ



номзадии Идизода Файзалӣ Фузайлшо ба мансаби Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзанда мебошад.

Аз вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории номзадии муҳтарам Идизода Файзалӣ Фузайлшо раъй диҳанд.

**РАИСИКУНАНДА:** - Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ Матробиён Саодатшо Қосимзода дода мешавад. Марҳамат.

**Саодатшо МАТРОБИЁН:**

**- Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Аз ҷониби вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи якмандатии интихоботии Рӯдакӣ, №9 Шерализода Маҳмадулло Умар пешниҳоди номзадии Идизода Файзалӣ Фузайлшо - вакил аз ҳавзаи якмандатии интихоботии Рашт, №12 ба вазифаи Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеан арзанда аст, зеро мавсуф дар даъвати шашум ҳам ба ҳайси вакил фаъолият намуда, аз заҳмату кӯшишҳои ӯ дар таҳияву баррасии қонунҳо мо ба хубӣ огоҳ ҳастем.

Заминаи андешаҳои тозаи ӯро аз як ҷиҳат, агар кордониву малакаи касбии ӯ дар бар гирад, аз ҷониби дигар, ҷаҳонбиниву дониши амиқи ӯ ҳамчун мутахассис ва олим ташкил медиҳад. Дар робита ба ин, зикр карданиям, ки Идизода Файзалӣ Фузайлшо ҳамчун донандаи хуби илми ҳуқуқшиносӣ дар таҳия ва эҷоди қонунҳо саҳми назаррас дошта, тӯли фаъолияташ дар даъвати шашум бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ лоиҳаи қонунҳои муҳимро омода ва пешниҳод менамуд. Ҳамчунин, фаъолияти ӯ дар ин самт серпаҳно буда, дар ҳамкорӣ бо мақомоти татбиққунандаи қонунҳо ҷиҳати ба талаботи рӯз мутобиқ намудани онҳо низ саҳмгузор мебошад. Гузашта аз ин, Идизода Файзалӣ Фузайлшо ҳамчун вакили фаъол ва ташаббускору ташкилотчӣ пайваста саҳми холисонаю содиқонаи худро дар таҳкими рукнҳои давлатдорӣ, таблиғи сиёсати давлатӣ, оммавигардонии паёмҳои ҳарсолаи Роҳбари давлат ва вусъати корҳои ободониву созандагӣ дар минтақаҳои мухталифи кишвар гузоштааст. Бинобар ин, пешниҳоди вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷонибдорӣ намуда, боварӣ дорам, ки дар сурати ба вазифаи Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудани Идизода Файзалӣ Фузайлшо дар такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати низоми ҳуқуқии кишвар натиҷаҳои хубу назаррас ба даст хоҳад омад. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони арҷманд хоҳиш мекунам, ки пешниҳоди мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагон аз ҳавзаи интихоботии Ҳисор, №7 Дӯстмуродзода Сурайё дода мешавад. Марҳамат.

**Сурайё ДӮСТМУРОДЗОДА:**

**- Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Иқболи баланду саодати бузург бароямон насиб гардидааст, ки аз дастпарварони мактаби бузурги сиёсии Шумо - муҳтарам Ҷаноби Олӣ ҳастем ва ҳамвора сабақ меомӯзем.

Фазои сиёсати баланд, хусусан, мақоми олии қонунгузор аз шахсият дар баробари дониш, ҷиддият, масъулият ва интизом боз паҳлуҳои маънавии хислатҳои фардиро талаб менамояд. Пайванди сифатҳои корӣ бо дарки амиқи садоқат ва ҳувияти миллӣ, фарҳанги олии инсонгарой ва муошират, қобилияти таҳлилнамой барои мутобиқгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои нави иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва боло гузоштани манфиатҳои миллӣ симои имрӯзаи вакили мардумӣ аст. Қобили зикр аст, ки яке аз дастпарварони ин мактаби олии сиёсӣ, ки ҳамзамон, шарофат, садоқат, шуҷоат ва асолати Шумо - Пешвои миллат, ҷавҳари пояндагии он аст, ҳампешаи мо Идизода Файзалӣ Фузайлшо мебошад. Дар давоми фаъолияти якҷоя Идизода Файзалӣ Фузайлшоро дар баробари доштани донишҳои фарогир, ҷиддият дар иҷрои рисолати вакилӣ, масъулиятпазирӣ боз ҳамчун инсони дорои хислатҳои наҷиб, соҳиби маърифату муошири баланд, зеҳни тез, фарзанди омӯзгор ва решапайванди шахсиятҳое, ки ба арзишҳои дунявӣ содиқ ва пуштибон аз сиёсати созандаву беназири Шумо ҳастанд, шинохтем.



Итминони комил дорам, ки Идизода Файзалӣ Фузайлшо аз адои масъулияти баланд ва ҳар боварие, ки ба он кас вогузор мегардад, бо садоқат ва арҷгузорӣ ба манфиатҳои миллӣ, ки асоси пойдории Ватан аст, сарбаландона мебарояд.

**РАИСИКУНАНДА: -** Боз ягон кас хоҳиши сухан кардан дорад?

Таклиф шуд, ки ба баромадҳо хотима дода шавад.

Аз номзади пешбаришуда муҳтарам Идизода Файзалӣ Фузайлшо хоҳиш карда мешавад, ки ба минбар бароянд.

Ба номзад саволҳо бошанд, марҳамат!

Ҳеҷ кас савол надорад?

Набошад, муҳтарам Идизода Файзалӣ Фузайлшо, марҳамат ба ҷои худ гузашта шинед.

**Вакилони муҳтарам!**

Мутобиқи банди 25 Дастури Маҷлиси намояндагон номзади пешниҳодгардида ба рӯйхати овоздиҳии пинҳонӣ оид ба интихоби Раиси Маҷлиси намояндагон дохил карда мешавад.

Номзадии вакил аз ҳавзаи интихоботии Рашт, №12 Идизода Файзалӣ Фузайлшо ба вазифаи Раиси Маҷлиси намояндагон ҳаматарафа баррасӣ шуд.

Аз ин рӯ, масъалаи ба бюллетени овоздиҳии пинҳонӣ оид ба интихоб намудани Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил кардани номзадии вакил Идизода Файзалӣ Фузайлшо ба овоз монда мешавад.

Марҳамат, мавқеи худро муайян кунед!

*Қарор қабул шуд.*

**РАИСИКУНАНДА: - Вакилони муҳтарам!**

Ҳоло барои шарҳи тартиби гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ сухан ба раиси Комиссияи баҳисобгирии овозҳо, вакил аз ҳавзаи интихоботии Кӯлоб, №37 Ҳакимзода Шариф Саидович дода мешавад. Марҳамат.

*(Ҳакимзода Шариф Саидович тартиби овоздиҳиро ба маълумоти вакилон мерасонад).*

**РАИСИКУНАНДА: -** Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар кори ҷаласа танаффус эълон карда мешавад.

*(Баъди танаффус)*

**РАИСИКУНАНДА: - Вакилони муҳтарам!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред!

Дар толор 63 нафар вакил ҳузур дорад.

Ҳоло сухан ба раиси Комиссияи баҳисобгирии овозҳо оид ба интихоби Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакил аз ҳавзаи интихоботии Кӯлоб, №37 Ҳакимзода Шариф дода мешавад. Марҳамат!

*(Ҳакимзода Шариф протоколи №3-и комиссияи баҳисобгирии овозҳоро оид ба интихоб намудани Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти вакилон мерасонад).*

**РАИСИКУНАНДА: -** Ба раиси Комиссияи баҳисобгирии овозҳо савол ҳаст? Нест.

Протоколи №3-и комиссияро дар бораи натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ барои тасдиқ ба овоз мемонам. Хоҳишмандам мавқеи худро муайян кунед.

*Қарор қабул шуд.*

Ҳамин тариқ, аз рӯи ҷамъбасти натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ вакил аз ҳавзаи интихоботии Рашт, №12 Идизода Файзалӣ Фузайлшо Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

Доир ба ин масъала ба мо зарур аст, ки қарор қабул намоем. Бинобар ин, ба шумо лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда мешавад:

**ҚАРОРИ**
**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар бораи интихоб намудани Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Идизода Файзалӣ Фузайлшо Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

Хоҳиш мекунам, вобаста ба қарори мазкур мавқеи худро муайян намоед. Марҳамат.

*Қарор қабул шуд.*

**РАИСИКУНАНДА: - Вакилони арҷманд!**

Иҷозат диҳед, аз номи худам ва аз номи ҳамаи шумо муҳтарам Идизода Файзалӣ Фузайлшоро барои интихоб шуданашон ба вазифаи Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику муборакбод намуда, дар иҷрои ин вазифаи пурмасъул ба ӯ саломативу барори кор орзу намоям.

**Вакилони муҳтарам!**

Ҳоло барои пеш бурдани кори ҷаласа сухан ба Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Идизода Файзалӣ Фузайлшо дода мешавад. Марҳамат.

*(Раиси Маҷлиси намояндагон Идизода Файзалӣ Фузайлшо ба минбар баромада, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирокашон дар ҷаласаи якуми Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум, ҳамчунин, ба вакилони Маҷлиси намояндагон барои ӯро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карданашон изҳори миннатдорӣ менамояд.*

*Сипас, ҳамчун вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон савганд ёд мекунад ва баъди он ба ҷои раисикунанда гузашта, кори ҷаласаи Маҷлиси намояндагонро идома медиҳад).*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам!**

Ба идомаи баррасии масъалаҳои рӯзнома мегузарем.

Масъалаи сеюми рӯзнома «Дар бораи муқаррар намудани шумораи муовинони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

Пешниҳод мекунам, ки як нафар муовини якум ва ду нафар муовинони Раис дар сохтори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

Таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин бора қироат намуда, ба овоз мемонам:

**ҚАРОРИ**
**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар бораи муқаррар намудани шумораи муовинони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон як мансаби муовини якум ва ду мансаби муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

Хоҳишмандам мавқеи худро муайян намоед.

*Қарор қабул шуд.*

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДАР БОРАИ ИНТИХОБ НАМУДАНИ РАИСИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Мутобиқи моддаи 39 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Идизода Файзалӣ Фузайлшо Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раисикунандаи ҷаласаи якуми Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Р. ЛАТИФЗОДА**

**ш. Душанбе, 19 марти соли 2025, №4**

## ИДИЗОДА ФАЙЗАЛӢ ФУЗАЙЛШО



**Идизода Файзалӣ Фузайлшо сеюми январи соли 1977 дар ноҳияи Рашт таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ. Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад.**

Соли 1998 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм кардааст.

Пас аз хатми донишгоҳ соли 1999 фаъолиятро ба ҳайси таҳқиқотчии шуъбаи полиси андоз дар гурӯҳи ноҳияҳои Рашт оғоз намуда, солҳои 2000 – 2008 дар вазифаи муфаттиши Прокуратураи ҳарбии минтақаи Қаротегин кор кардааст. Солҳои 2008-2011 аспиранти шуъбаи рӯзонаи бахши ҳуқуқи байналхалқии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Федератсияи Россия буд. Пас аз хатми аспирантура дар вазифаҳои ассистент, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ ва муовини декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба корҳои илм ва таълим фаъолият намуда, солҳои 2013-2014 муовини ректор оид ба корҳои таълими Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт буд.

Солҳои 2014-2018 дар вазифаҳои муовини декан ва дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда, соли 2018 директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардид.

Аз моҳи июли соли 2018 то соли 2020 дар вазифаи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт» фаъолият намуда, солҳои 2020-2021 сардори раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Солҳои 2021 – 2025 дар вазифаи вакили Маҷлиси намояндагон - раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ фаъолият кардааст.

Бо медали ҷашнии «30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардидааст.

Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 марти соли 2025 дар ҷаласаи якуми Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд.

# ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҶАЛАСАИ НАХУСТИНИ ИҶЛОСИЯИ ЯКУМИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАЪВАТИ ҲАФТУМ

(Идома аз саҳ. 2)

**РАИС: - Вакилони муҳтарам!**

Масъалаи навбатии рӯзнома «Дар бораи пешниҳод ва интихоб намудани муовини якум ва муовинони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

Ба баррасии шумо барои ба вазифаи муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон номзадии вакил Шоҳиён Шермуҳаммад пешниҳод карда мешавад.

Марҳамат, Шоҳиён Ш., ба минбар бароед.

*(Шоҳиён Ш. ба минбар баромада, то анҷоми овоздиҳӣ ва савганд ёд кардан он ҷо меистад).*

Ба номзад ягон савол ҳаст? Нест.

Моро лозим аст, ки дар ин хусус қарор қабул намоем. Аз ин рӯ, лоиҳаи қарорро дар ин бора қироат менамоям:

**ҚАРОРИ**
**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар бораи муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Шоҳиён Шермуҳаммад**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шоҳиён Шермуҳаммад муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

Хоҳишмандам мавқеи худро доир ба ин масъала муайян намоед.

*Қарор қабул шуд.*

Марҳамат, Шермуҳаммад Шоҳиён, савганд ёд кунед.

*(Шоҳиён Шермуҳаммад даст болои Конститутсия гузошта, савганд ёд мекунад ва баъд ба ҷойи муқарраршудааш дар раёсати корӣ аз паҳлуи рости Раис гузашта мешинад).*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам!**

Ба баррасии шумо барои ба вазифаи муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудан номзадии вакил Муинӣ Мавсума Муинзода пешниҳод карда мешавад.

Марҳамат, Муинӣ М.М., ба минбар бароед.

*(Муинӣ М.М. ба минбар баромада, то анҷоми овоздиҳӣ ва савганд ёд кардан он ҷо меистад).*

Ба номзад ягон савол ҳаст? Нест.



Лоиҳаи қарорро дар ин хусус қироат мекунам:

**ҚАРОРИ**
**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар бораи муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Муинӣ М.М.**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Муинӣ Мавсума Муинзода муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

Хоҳишмандам мавқеи худро доир ба ин масъала муайян намоед.

*Қарор қабул шуд.*

Марҳамат, Мавсума Муинӣ, савганд ёд кунед.

*(Муинӣ М.М. даст болои Конститутсия гузошта, савганд ёд мекунад ва баъд ба ҷойи муқарраршудааш дар раёсати корӣ аз паҳлуи чапи Раис гузашта мешинад).*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам!**

Ба баррасии шумо барои ба вазифаи муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудан номзадии вакил Гиёзода Азиз Қодир пешниҳод карда мешавад.

Марҳамат, Гиёзода А.Қ. ба минбар бароед.

*(Гиёзода А.Қ. ба минбар баромада, то анҷоми овоздиҳӣ ва савганд ёд кардан он ҷо меистад).*

Ба номзад ягон савол ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро дар ин бора қироат мекунам.

**ҚАРОРИ**
**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар бораи муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Гиёзода А.Қ.**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Гиёзода Азиз Қодир муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

Хоҳишмандам, мавқеи худро доир ба ин масъала муайян намоед.

*Қарор қабул шуд.*

Марҳамат, Гиёзода Азиз Қодир, савганд ёд кунед.

*(Гиёзода А.Қ. даст болои Конститутсия гузошта, савганд ёд мекунад ва баъд ба ҷойи муқарраршудааш дар раёсати корӣ аз паҳлуи чапи Раис гузашта мешинад).*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам!**

Ҳоло бо камоли эҳтиром сухан ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дода мешавад.

**Марҳамат, Ҷаноби Олӣ!**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ, пеш аз ҳама, вакилони нави парлумони кишварро бо интихоб шуданашон ба ин мақоми баланду пурмасъулият табрику таҳният гуфтанд.

Таъкид гардид, ки вакилон бояд тамоми кӯшишу талош ва донишу таҷрибаи худро ба он равона созанд, ки ба эътимоди мардуми кишвар сазовор бошанд.

Роҳбари давлат аз натиҷаҳои интихобот, ки рӯзи 2 марти соли ҷорӣ дар фазои озоду демократӣ ва шаффоф баргузор гардид, изҳори қаноат намуданд.

Аз вакилон талаб карда шуд, ки барои амалӣ кардани барномаи пешазинтихоботии худ саъю талош намоянд, зимни қабули қонунҳо ва ҳалли дигар масъалаҳо манфиати ҷомеа, давлат ва шаҳрвандонро меҳвари фаъолияти хеш қарор диҳанд, инчунин, барои рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва болоравии сатҳи некуаҳволии сокинони мамлакат содиқона кӯшиш намоянд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки ба ҳайати нави парламент олимон, ҳуқуқшиносону иқтисоддонҳо, саноатчиён ва кормандони соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ, энергетикаву сохтмон ва намояндагони касбу корҳои дигар интихоб гардиданд, ки ҳар яки онҳо мутахассиси соҳибтаҷриба ва шахсиятҳои обрӯманду шинохтаи ҷомеа мебошанд.

(Давомаш дар саҳ. 4)

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи интихоб намудани муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мутобиқи моддаи 39 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шоҳиён Шермуҳаммад муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. ИДИЗОДА**
**ш. Душанбе, 19 марти соли 2025, №7**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи интихоб намудани муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мутобиқи моддаи 39 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Муинӣ Мавсума Муинзода муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. ИДИЗОДА**
**ш. Душанбе, 19 марти соли 2025, №8**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи интихоб намудани муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мутобиқи моддаи 39 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Гиёзода Азиз Қодир муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. ИДИЗОДА**
**ш. Душанбе, 19 марти соли 2025, №9**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи таъин намудани роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мутобиқи зербанди г) банди 44 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Сатторзода Абдуҷабор роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. ИДИЗОДА**
**ш. Душанбе, 19 марти соли 2025, №30**

## ШОҲИЁН ШЕРМУҲАММАД



**Шермуҳаммад Шоҳиён 6 январи соли 1962 дар деҳаи Некмардони ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ.**

Соли 1984 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст.

Фаъолияти кориашро соли 1984 оғоз карда, то соли 1987 ба ҳайси адвокати маслиҳатхонаи ҳуқуқии ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон, солҳои 1987-1990 судяи Суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон, солҳои 1990-1991 судяи Суди вилояти Хатлон, солҳои 1991-1994 раиси Суди шаҳри Нораки вилояти Хатлон, солҳои 1994-1995 муовини вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 1995-2000 муовини якуми вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон, солҳои 1997-2000 аъзои Комиссияи оштии миллӣ, солҳои 2000-2006 мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ-намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2006-2010 раиси Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2010-2011 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ - раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, солҳои 2011-2015 раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2015 - 2025 дар вазифаи раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 марти соли 2025 дар ҷаласаи якуми Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

## МУИНӢ МАВСУМА МУИНЗОДА



**Муинӣ Мавсума Муинзода 8 октябри соли 1981 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ. Номзади илмҳои таърих мебошад.**

Соли 2003 Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва соли 2019 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро хатм кардааст.

Солҳои 2003-2009 дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ба сифати ассистент ва омӯзгор фаъолият намуда, соли 2009 муовини раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардид. Солҳои 2014-2017 муовини якуми раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2017-2022 муовини раиси шаҳри Душанбе буд. Аз соли 2022 дар вазифаи раиси шаҳри Бӯстони вилояти Суғд фаъолият намуда, соли 2023 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

Солҳои 2024-2025 муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Бо медали «Хизмати шоиста» сарфароз гардидааст.

Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 марти соли 2025 дар ҷаласаи якуми Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

## ГИЁЗОДА АЗИЗ ҚОДИР



**Гиёзода Азиз Қодир 7 октябри соли 1969 дар ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ.**

Соли 1999 Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев ва соли 2011 Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россияро хатм кардааст.

Солҳои 1997-2001 назоратчӣ – тафтишотчии РНТ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ, солҳои 2001-2002 сармуҳосиби шуъбаи молияи шаҳри Хоруғ, солҳои 2002-2003 мутахассиси пешбар оид ба назорати дохилӣ ва аудити шуъбаи хазинадории идораи молияи ВМКБ, солҳои2003-2005 сармутахассиси Кумитаи назорати давлатии молиявии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ, солҳои 2005-2006 сардори Сарраёсати молияи ВМКБ, солҳои 2006-2013 муовини раиси ВМКБ, солҳои 2013-2020 раиси ноҳияи Шуғнони ВМКБ буд. Соли 2020 вакили Маҷлиси намояндагон интихоб гардида, дар вазифаи муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия фаъолият кардааст.

Бо медали «Хизмати шоиста», медали ҷашнии «30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ордени Шараф дараҷаи 2 сарфароз гардонида шудааст.

Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 марти соли 2025 дар ҷаласаи якуми Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

## САТТОРЗОДА АБДУҶАБОР



**Сатторзода Абдуҷабор 22- юми сентябри соли 1961 таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ.**

Соли 1980 Омӯзишгоҳи педагогӣ ва соли 1990 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисосҳои омӯзгор ва ҳуқуқшинос хатм намудааст. Солҳои 1980-1981 ҳамчун омӯзгор фаъолият карда, солҳои 1981-1983 хизмати ҳарбӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шуравиро адо намудааст. Солҳои 1983-1995 дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба ҳайси мудири шуъбаи ҳуқуқ, солҳои 1995-2000 судяи Суди ноҳияи Фирдавсӣ, солҳои 2000-2002 судяи Суди шаҳри Душанбе, солҳои 2003-2005 судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2005-2010 раиси Суди ҳарбии гарнизони Душанбе, солҳои 2010-2017 муовини раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2017-2021 сардори раёсати кафолатҳои ҳуқуқи инсони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз моҳи декабри соли 2021 то инҷониб дар мансаби роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Дорандаи дараҷаи тахассусии судяи дараҷаи олӣ ва рутбаи ҳарбии генерал-майори адлия мебошад

Бо ордени Шараф ва унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст.

Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 марти соли 2025 дар ҷаласаи якуми Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуд.

# ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҶАЛАСАИ НАХУСТИНИ ИҶЛОСИЯИ ЯКУМИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАЪВАТИ ҲАФТУМ

**(Идома аз саҳ. 3)**

Аз ҷумла, таъкид шуд, ки ба ҳайати парламенти даъвати нав 18 нафар бонувон интихоб шуданд ва ин шумора аз вакилони даъвати гузашта 4 нафар зиёд буда, аз иштироки фаъоли онҳо дар корҳои давлативу ҷамъиятӣ ва баланд гардидани мақоми зан дар ҷомеа дарак медиҳад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши қонунгузориро дар амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии кишвар муҳим арзёбӣ намуда, талаб карданд, ки фаъолияти парламенти Тоҷикистон дар ин самт боз ҳам тақвият дода шавад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки мақоми қонунгузор ҳамкориро бо мақомоти дахлдор, хусусан, бо субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва мақомоти татбиққунандаи ҳуқуқ вусъат бахшад.

Пешвои миллат ба вакилони Маҷлиси намояндагон дастур доданд, ки ба рақамикунонии фаъолияти худ ва гардиши электронии ҳуҷҷатҳо диққати ҷиддӣ диҳанд. Зикр гардид, ки вакилони Маҷлиси намояндагон бояд ҳангоми таҳия ва қабули қонунҳо, аз ҷумла дар самти дастгирии соҳибкорӣ, хусусан, соҳибкории истеҳсолӣ, ҷалби бештари сармоя, иқтисоди рақамӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, ба масъалаи механизми мукаммали иҷрои қонунҳо, аз ҷумла асосҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва фарҳангии амалишавии онҳо, аҳамияти аввалиндараҷа диҳанд.

Аз ташаббуси ҷаҳонии Тоҷикистон доир ба пешбурди масъалаҳои обу иқлим, аз ҷумла ҳифзи пиряхҳо, ёдовар шуда, Сарвари давлат зарур донистанд, ки парламент дар ин самт саҳми босамари худро гузорад.

Густариши ҳамкории вакилони мардумӣ бо дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ - ҳокимияти иҷроия ва судӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин, интихобкунандагон амри муҳим дониста шуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз вакилон даъват намуданд, ки дар ҳамаи чорабиниҳои ҷамъиятиву сиёсӣ, корҳои хайру созанда пешсаф бошанд, аз худ фарҳанги баланди сиёсӣ нишон диҳанд, дар риояи қонун, садоқат ба Ватан ва мардуми Тоҷикистон намунаи ибрат ва бо ҳама гуна қонунвайронкунӣ, аз ҷумла коррупсия, оштинопазир бошанд.

Зарурати иштироки фаъоли вакилон дар раванди омодагӣ ба ҷашни бузурги миллӣ - 35-солагии Истиқлоли давлатӣ таъкид карда шуд.

Дар фароварди сухан Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо эътимоди комил иброз намуданд, ки вакилон вазифаи дар Конститутсия ва қонунҳо муайяншудаи худро бо ҳисси баланди ватандорӣ ва дарки масъулият ба хотири пешрафти имрӯзу ферdoи Тоҷикистон, рушди устувору босуръати иқтисодиву иҷтимоии кишвар, таъмини волояти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар сатҳи баланд ва босамар амалӣ мекунанд.

*(Пас аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон)*

**РАИС: - Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**



Иҷозат диҳед аз номи ҳамаи вакилон барои иштирок ва суханони самимӣ нисбати вакилони Маҷлиси намояндагон ба Шумо сидқан изҳори сипосу ташаккур намоям.

Мо, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дар амал татбиқ намудани ҳамаи он дастуру супоришҳое, ки имрӯз дар ҳузури вакилон изҳор намудед, самимона ва содиқона кӯшиш ба харҷ хоҳем дод.

Мо бо камоли масъулият дарк менамоем, ки танҳо ягонагӣ, сулҳу субот, ваҳдати сартосарӣ тахти роҳбарии хирадмандонаи Шумо халқи моро ба сӯи рушду тараққӣ, зиндагии ободу шукуфо ва ояндаи дурахшон роҳнамоӣ мекунад.

Саъю талоши беназири Шуморо дар роҳи ободии кишвар ва беҳбудии зиндагии мардуми Тоҷикистон мо - вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона ҷонибдорӣ менамоем ва боварии комил дорем, ки тамоми мақсаду маром ва сиёсати халқпарваронаи Шумо дар роҳи хидмат ба халқу Ватан бо дастгирии мардуми шарифи Тоҷикистон амалӣ хоҳад гардид.

Мо ҳамеша ба ҳамкорӣ ва ёриву дастгирии Шумо умед мебандем ва итминони комил дорем, ки вакилони Маҷлиси намояндагон ҷиҳати дар амал татбиқ намудани сиёсати пешгирифтаи давлат ва Пешвои муаззами миллат самимона саъю талош хоҳанд намуд.

Ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, ба хотири беҳбудии зиндагии мардум ва ободии ҳар чӣ бештари Тоҷикистони азиз саломатии бардавом, хушбахтиву хотири шод ва дар фаъолияти бузурги давлатдориатон комёбиҳои беназир таманно менамоем!

**РАИС: -** Вакилони муҳтарам, дар кори ҷаласа 10 дақиқа танаффус эълон карда мешавад.

*(Баъд аз танаффус)*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам!**

Хоҳишмандам аз қайд гузаред.

Дар толор 63 нафар вакил иштирок доранд. Ин ба мо имкон медиҳад, ки кори ҷаласаро давом диҳем.

Мутобиқи банди 134 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо лозим аст, ки котиботи Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтумро интихоб намоем.

Ба баррасии шумо номзадии вакилони зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Саидвализода Барно Саиднабӣ - вакил аз ҳавзаи интихоботии Муъминобод, №38 (раиси котибот)

2. Ҷалолзода Миршакар Саид - вакил аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ (узв)

3. Давлатзода Қиёмиддин - вакил аз ҳавзаи интихоботии Айнӣ, №22 (узв).

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи котиботи Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам!**

Мутобиқи банди 134-и Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо лозим аст, ки барои баҳисобгирии овозҳо дар ҷаласаҳои Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум комиссияи баҳисобгирии овозҳоро интихоб намоем.

Ба баррасии шумо номзадии вакилони зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Хоҷазода Фарзона Ҳамдам – вакил аз ҳавзаи интихоботии Ваҳдат №10 (раиси комиссия)

2. Зиёӣ Баҳриддин Саҳобиддин – вакил аз ҳавзаи интихоботии Ашт, №17 (узв)

3. Ҳақназарзода Фирӯз Ғоибфар – вакил аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ (узв).

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи комиссияи баҳисобгирии овозҳо дар ҷаласаҳои Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам!**

Мутобиқи банди 247 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо лозим аст, ки барои назорати системаи электронии овоздиҳӣ гурӯҳи назоратиро ташкил намоем.

Ба баррасии шумо номзадии вакилони зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Ализода Зафари Аҳмадҷон – вакил аз ҳавзаи интихоботии Бохтар, №26 (роҳбари гурӯҳ)

2. Амирзода Ориф Ҳамид – вакил аз ҳавзаи интихоботии Шоҳмансур, №3 (узв)

3. Шаҳбози Аброр – вакил аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ (узв).

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи гурӯҳи назорати системаи электронии овоздиҳӣ дар ҷаласаҳои Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Аз вакилоне, ки ба ҳайати котибот, комиссияи баҳисобгирии овозҳо ва гурӯҳи назорати системаи электронии овоздиҳӣ интихоб шудаанд, хоҳиш мекунам, ба иҷрои вазифаҳояшон шурӯъ намоянд.

Ба баррасии масъалаи навбатӣ - «Дар бораи таъсис додани кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем.

Мутобиқи банди 57-и Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоям, ки кумита ва комиссияҳои зерини Маҷлиси намояндагон таъсис дода шаванд:

1. Кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон.

2. Кумита оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният.

3. Кумита оид ба иқтисод ва молия.

4. Кумита оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин.

5. Кумита оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот.

6. Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон.

7. Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ.

8. Кумита оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ.

9. Кумита оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия.

10. Комиссияи экологӣ.

11. Комиссия оид ба одоби вакилон.

12. Комиссия оид ба назорати Дастур ва ташкили кор.

Таклифу пешниҳодоти дигар ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагон» ба овоз монда, қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи интихоб намудани раисони кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем.

*(Раиси Маҷлиси намояндагон номзадҳоро ба ин вазифаҳо дар алоҳидагӣ хонда, ба овоз мемонад ва оид ба ҳар як масъала қарори Маҷлиси намояндагон қабул мегардад).*

Мутобиқи банди 4 моддаи 42 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номзадии вакилони зерин ба вазифаи раисони кумитаю комиссияҳои Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда мешавад:

1. Шоҳмурод Рустам - раиси Кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон.

2. Маҳмудзода Насрулло Раҳматҷон - раиси Кумита оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният.

3. Ашурзода Ғиёсиддин Маҳмадмурод - раиси Кумита оид ба иқтисод ва молия.

4. Латифзода Рустам Барот - раиси Кумита оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин.

5. Гулзода Маҳмадшоҳ Қурбоналӣ - раиси Кумита оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот.

6. Шодиён Муҳаммад Султонзода - раиси Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон.

7. Ҷавҳарӣ Муҷибахон Одил - раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ.

8. Камолзода Илҳом Икром - раиси Кумита оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ.

9. Шерализода Муҳамадулло Умар - раиси Кумита оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия.

10. Амирзода Ориф Ҳамид - раиси Комиссияи экологӣ.

11. Шодизода Парвиз Шодибой - раиси Комиссия оид ба одоби вакилон.

12. Ғанизода Шуҳрат Абдулмаҷид - раиси Комиссия оид ба назорати Дастур ва ташкили кор.

**РАИС: - Муҳтарам вакилон!**

Ба баррасии масъала «Дар бораи таъсис додани Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем.

Мутобиқи моддаҳои 39 ва 45 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод менамоям, ки Шурои Маҷлиси намояндагон дар ҳайати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Раис, муовинони Раис, раисони кумитаҳо ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳайати Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи муқаррар намудани шумораи вакилон дар кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем.

Мутобиқи бандҳои 59 ва 64-и Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоям, ки шумораи зерини ҳайати кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагон муқаррар карда шавад:

- Кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон – 7 нафар;
- Кумита оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният – 7 нафар;
- Кумита оид ба иқтисод ва молия - 7 нафар;
- Кумита оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин - 7 нафар;
- Кумита оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот - 6 нафар;
- Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон - 6 нафар;
- Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ - 6 нафар;
- Кумита оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ - 6 нафар;
- Кумита оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия - 7 нафар;
- Комиссияи экологӣ - 13 нафар;
- Комиссия оид ба одоби вакилон - 9 нафар;
- Комиссия оид ба назорати Дастур ва ташкили кор - 9 нафар.

Доир ба шумораи мазкур андешаи дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз мемонам ва хоҳишмандам мавқеи худро муайян намоед.

*Қарор қабул шуд.*

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Ба баррасии масъала «Дар бораи интихоб намудани ҳайати кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем.

*Мутобиқ ба талаботи Дастури Маҷлиси намояндагон Раис ҳайати кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро хонда, лоиҳаи қарори ҳар як сохторро дар алоҳидагӣ ба овоз мемонад.*

**РАИС: - Муҳтарам вакилон!**

Мутобиқи қисми 7 моддаи 49 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи $3^1$ Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вакили Маҷлиси намояндагон баъд аз вакил интихоб шуданаш дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагон дар вазъияти тантанавӣ савганд ёд мекунад.

Ҳоло ҷиҳати татбиқи ин меъёр аз вакилон хоҳиш мекунам, ки тибқи рӯйхат бонавбат ба минбар баромада, ботантана савганд ёд кунанд. Марҳамат.

*Раис як-як ному насаби вакилонро мехонад ва онҳо аз минбар савганд ёд карда, матни имзошудаи савгандро ба Раиси Маҷлиси намояндагон месупоранд.*

**РАИС:** - Боварии комил дорам, ки ҳамаи мо - вакилони даъвати нави парламенти касбии кишвар ба савганди худ ҳамеша содиқу устувор монда, дар роҳи хизмат ба халқу Ватан, таҳкими аркони давлатдорӣ ва рушди ҳамаҷонибаи Тоҷикистони маҳбубу ягонаамон бо дасту дилу нияти пок хизмат мекунем.

**Муҳтарам вакилон!**

Ба баррасии масъалаи охирини рӯзнома - «Дар бораи таъин намудани роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем.

Мутобиқ ба банди г) моддаи 42 Дастури Маҷлиси намояндагон ба вазифаи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон номзадии Сатторзода Абдуҷабборро пешниҳод менамоям.



Таклифу пешниҳодоти дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро пешниҳод менамоям:

**ҚАРОРИ**
**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар бораи ба вазифаи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Сатторзода Абдуҷаббор**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Сатторзода Абдуҷаббор ба вазифаи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

Хоҳишмандам вобаста ба лоиҳаи қарор мавқеи худро муайян намоед.

*Қарор қабул шуд.*

**РАИС: - Муҳтарам вакилон!**

Ҳамаи масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа ворид шуда буданд, баррасӣ гардиданд.

Оид ба рафти гузаронидани ҷаласа эрод ё пешниҳод доред? Нест.

Набошад, бо ҳамин кори ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.



**Бахтовар КАРИМЗОДА,**
**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Н. АЛИЕВ**

Садои мардум
Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Рӯзнома ба тарзи офсет дар ЧДММ «Мега-принт» чоп шудааст.
ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 19 марти соли 2025, соати 18:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34620 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97